**ХУЛОСАИ**
**ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-012 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ)**

**Парвандаи аттестатсионии № 30**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 31.05.2025, №30,1**

Барои сазовор донистани Алимова Муборак Алимҷоновна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ),

Диссертатсияи Алимова Муборак Алимҷоновна дар мавзуи «Рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт» барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ), санаи 31 майи 2025, суратмаҷлиси №27.1 барои ҳимоя қабул карда шуд. Шурои диссертатсионии 6D.КОА-012-и назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, ½) дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, № 12/шд таъсис дода шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Алимова Муборак Алимҷоновна 1-уми январи соли 1984 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон. Соли 2006 факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси иқтисоди миллӣ, бо дипломи аъло хатм кардааст. Соли 2010 аспирантураро бо муваффақият хатм намудааст.

Аз моҳи сентябри соли 2024 то ҳол ба ҳайси сардори шуъбаи рушди устувори соҳаҳои хизматрасонии Институти илмию тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабзи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон фаъолият дорад.

Мавзуи диссертатсияи Алимова Муборак Алимҷоновна дар ҷаласаи шурои олимони Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон аз 2 - юми сентябри соли 2019, қарори № 2 тасдиқ гардидааст.

Диссертатсия дар кафедраи иқтисодиёт ва ташкили соҳибкории Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ: Абдуғаффор Рауфӣ**, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи маркетинги соҳавӣ ва байналмилалии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Шамсзода Илёсҷон Сафар** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

**Сайдуллоев Умедҷон Ӯктамович-** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи системаҳои бисёршабакавии телекоммуникатсионии Донишгоҳи давлатии Хӯҷанд ба номи академик Б. Ғафуров.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, сардори шуъбаи мониторинг ва идораи сифати таълим Сулаймонзода Ш.Ф. таҳия гардида, дар маҷлиси кафедраи иқтисоди рақамӣ ва логистикаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон баррасӣ ва муҳокима карда шуда, (суратҷаласаи №10.6/1, аз 06.05.2025 сол), аз ҷониби ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Сатторзода Б.А. тасдиқ шудааст, хулосаи мусбат додааст.

Дар тақриз хулоса бароварда шудааст, ки диссертатсияи Алимова Муборак Алимҷоновна дар мавзуи «Рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт» кори илмию таҳқиқотии мустақилона баитмомрасида дониста шуда, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисос, ки бо "Низомномаи шурои диссертатсионӣ" ва "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" муқаррар шуда ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй буда, муаллифи он Алимова Муборак Алимҷоновна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаи хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ) сазовор мебошад. Автореферат ва корҳои илмии нашршудаи довталаби дараҷаи илмӣ пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

Дар хулосаи мусбат қайд шудааст, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 17 интишороти илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда дорад.

## ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ (БО ЗАБОНИ АСЛ)

### а) Маҷалаи Scopus

[1-А]. Alimova M.A. Organizational and economic foundation of improving the quality of mobile communication services in the conditions of digitalization of the economy of the Republic of Tajikistan [Text] / M. Alimova // Journal of Data Acquisition and Processing Vol. 38 (2) 2023 P. 4430 – 4435.

### б) Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудааст:

[2-А]. Алимова М.А. Нақши фановариҳои иттилоотӣ дар рушди бозори хизматрасониҳои таълимӣ [Матн] / М.А. Алимова // «Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон». – Душанбе. 2022. №2(41). - С.417-421;

[3-А]. Алимова М.А. Масъалаҳои рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М.А. Алимова // «Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон». – Душанбе. 2022. №3(42). - С. 73-77;

[4-А]. Алимова М.А. Самтҳои асосии инкишофи мутаносиби бозори хадамоти иттилоотӣ дар асоси равиши захиравӣ дар ҶТ [Матн] / М.А. Алимова // «Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон». – Душанбе. 2022. №4/1(43). - С. 237-243;

[5-А]. Алимова М.А. Потенциальные возможности формирования ИКТ-кластера на базе компании мобильной связи города Душанбе / М.А. Алимова // Вестник Технологического университета Таджикистана №1(22), 2014. – Душанбе: «ЭР-граф», 2014. – С. 90-95;

[6-А]. Алимова М.А. Анализ основных региональных показателей развития рынка телекоммуникационных услуг [Текст] / М.А. Алимова // Вестник Технологического университета Таджикистана, №1(22), 2014. – Душанбе: «ЭР-граф», 2014. -С.84-89;

[7-А]. Алимова М.А. Теоретические основы регионального рынка телекоммуникационных услуг [Текст] / М.А. Алимова // Известия Академии наук Республики Таджикистан. Отделение общественных наук №6, 2013. – С.55-62;

[8-А]. Алимова М.А. Основные направления регулирования рынка телекоммуникационных услуг в условиях либерализации внешнеторговой деятельности [Текст] / М.А. Алимова // Вестник Таджикского государственного национального университета (научный журнал). – Душанбе, 2010. №2/7(98). – С. 64-69.

**в) Мақолаҳо дар дигар маҷаллаҳо ва маҷмӯи маводҳои конфренсия:**

[9-А]. Тулиев М.С., Алимова М.А. Арзёбии таъсири омилиҳо ба рушди хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ [Матн] / М.С., Тулиев, М.А. Алимова // Маводи конференсияи II – юми байналмилалии илмию амалӣ дар мавӯи «Рушди технологияҳои рақамӣ дар шароити муосир», бахшида «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илм ва маориф (солҳои 2020 - 2040)» - Душанбе: ДДТТ, 2023. – 337 с. // С. 280 – 291.

[10-А]. Амонов С.С., Алимова М.А., Самтҳои асосии рушди муносибати бозори хизматрасонии иттилоотӣ дар асоси равиши захиравӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / С.С. Амонов, М.А. Алимова // Конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи Рушди технологияҳои рақамӣ дар шароити муосир бахшида ба Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илм ва маориф (солҳои 2020-2040). (27-28 декабри соли 2022). - С.111-116.

[11-А]. Алимова М.А. Особенности рынка услуг мобильной связи в условиях перехода Республики Таджикистан в цифровую экономику [Текст] / М.А. Алимова // Экономика, Бизнес, Инновации. Сборник статей XXII Международной научно-практической конференции, состоявшейся 15 апреля 2023 г. в г. Пенза - С.142-146;

[12-А]. Алимова М.А. Нормативно-правовое регулирование области

мобильных телекоммуникаций на примере Таджикистана [Текст] / М.А. Алимова // Конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ» (17-18 ноябри соли 2023) – Душанбе. 2023. -С 50-55;

[13-А]. Алимова М.А. Некоторые вопросы сбалансированного развития рынка информационно – коммуникационных услуг в Республике Таджикистан [Текст] / М.А. Алимова // Масоили мубрами иктисод ва менеджмент дар Точикистони муосир (маводи конфронси илмию амалии ҷумҳуриявӣ). - Душанбе: «Ирфон», 2012.-С.26-34;

[14-А]. Алимова М.А. Реорганизация предприятий, предоставляющих традиционные телекоммуникационные услуги [Текст] / М.А.Алимова // Сиёсати саноатии Ҷумҳурии Точикистон: Муаммохо ва дурнамохо. Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмию амалӣ. – Душанбе. 2009 -С.172-174;

[15-А]. Алимова М.А. Особенности формирования рынка информационно – телекоммуникационных услуг в сфере образования [Текст] / М.А. Алимова // Материалы международной конференции: «Повышение качества образования на основе использования информационных и коммуникационных технологий». 5-6мая 2008г.- Душанбе. - С. 46 – 48;

[16-А]. Алимова М.А. Проблемы развития телекоммуникации и внедрения информационных услуг на предприятиях на АПК [Текст] / М.А. Алимова // Сиёсати аграрӣ дар Тоҷикистон: Мушкилот ва дурнамои пешрафт (Маводи конфронси илми – назариявӣ бахшида ба 70 – солагии зодрӯзи устод Н. Гадоев, 28 – 29 – уми феврали соли 2008). - Душанбе. 2008. - С.132-136;

[17-А]. Алимова М.А. Формирование конкурентной среды в сфере предоставления телекоммуникационных услуг [Текст] / М.А. Алимова // Национальная экономика: проблемы безопасности и конкурентоспособности. Материалы респ. науч.-практ. конф. (28-29 ноября 2007). - Душанбе. 2008. - С.231-234.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:**

1. Бобоев О.Б. - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди миллии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо чунин эрод: 1.Агар таъсири рақамикунонии хизматрасониҳои аоқаи мобилӣ ба рушди соҳаи конкретии иқтисодиёт нишон дода мешуд, онгоҳ саҳеҳияти автореферат оиди рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт боз ҳам баланд мешуд.

2. Шокиров Р.С. - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти МД “Донишкадаи байналмилалии Хуҷанд”-и ДБССТ, бо чунин эродҳо: 1. Хуб мешуд, агар дар кори диссератсионӣ саҳми олимони ватанӣ мушаххастар гардида хулоса пешниҳод мегардид. 2. Кор бурд мекард агар муаллиф бо истифодаи таҳлили

коррелиятсионӣ ва регрессионӣ хулосабардорӣ намуда дар асосӣ он пешниҳод менамуданд.

3. Ризозода Т.Р. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори ДДҲБСТ бо чунин эродҳо: 1. Мавзуи интихобшуда хело паҳлуҳои гуногун дорад, бинобар ин муаллиф бояд вазифаҳоро ба таври васеъ омӯхта дар оянда боз ҳам амиқтар таҳқиқ кунад. 2. Хуб мешуд дар асоси SWAT ва PEST таҳлил ва хулосабардорӣ карда мешуд.

4. Ойматов Б.Ш. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,мудири кафедраи баҳисогирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудити Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ бо чунин эрод: 1. Фаъолияти аксарияти ширкатҳои миллӣ вобаста ба талаботи рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ нокифоя арзёбӣ гардиданд.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

Интихоби муқарризони **расмӣ ва муассисаи пешбар асоснок карда мешаванд:** интихоби муқарризони расмӣ бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст; интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- масъалаҳои назариявӣ ва методии такмили механизми рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар шароити рақамикунонӣ аниқ карда шуда, таъсири он ба баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои таълимӣ муайян гардидааст;

- ҷанбаҳои назариявӣ ва методии диссертатсияро барои баланд бардоштани самаранокӣ ва ба ҳадди аксар расонидани даромад ва кам кардани хароҷот дар фаъолияти корхонаҳои тиҷоратӣ, мақомоти давлатӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки ба пешниҳоди хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ машғуланд, дар шароити муосир муқаррар гардида, арзёбии таъсири омилҳо ба он таҳия карда шудааст;

- масъалаҳои басҳталаби бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар шароити рақамикунонӣ мавриди таҳқиқи васеъ қарор гирифта ҷиҳати рушду такомули минбаъдаи он бо дарназардошти иқтидорҳои махсуси илмӣ, техникӣ, технологӣ, инвеститсионӣ тадобири амалӣ пешниҳод гардидааст. Инчунин дар ҷараёни ба итмом расонидани қисмати амалӣ механизм ва самтҳои афзалиятноки таҳия гардида зарурат роҳандозии механизми ягонаи танзими давлатии дар соҳаи хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар шароити рақамикунонӣ манзур карда шудааст.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

консепсияи соҳави хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар шароити рақамикунонӣ тақвият дода шудааст;

**вазъи бозор дар шароити** рақамикунонӣ мавриди таҳлили васеъ қарор дода шуда, дар баробари он мушкилот ва норасоиҳои бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар шароити рақамикунонӣ ошкор гардидааст;

**бо мақсади арзёбии ҳолати** бозор ва баҳодиҳии унсурҳои таркибии он бо дарназардошти омилҳои мутаассир амсилаи иқтисодӣ – математикӣ таҳия гардидааст;

**муаллифи диссертатсия** зимни баррасиҳои судманд амсилаи иқтисодӣ – математикӣ, оптимизатсиониро таҳия намуда, масъалаҳои афзоиши даромади ширкатҳои дар соҳаи мазкур амалкунандаро бармало намудааст;

**таҳияи механизм ва самтҳои афзалиятноки** бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар шароити рақамикунонӣ, ки барои танзими ҳаматарафаи соҳа ва мушаххаснамоии саҳми давлат ва аҳолӣ дар ташаккули раванди таҳқиқгардида зарур мебошад. Аз ҷониби муаллиф инъикос гардидааст, ки бо дарназардошти тамоми имконот ва шароити миллӣ имконияти рушди соҳа ҷой дорад.

**Аҳаммияти амалии натиҷаҳои таҳқиқоти илмии ба дастовардаи унвонҷӯ чунин тасдиқ мегардад:**

- *муқаррароти асосӣ* ва натиҷаҳои таҳқиқот дар конфронсҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва семинарҳои илмию амалӣ миёни олимони ҷавон ва унвонҷӯёни Ҷумҳурии Тоҷикистон (солњои 2006-2023), Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (солҳои 2017-2023), Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (солҳои 2019-2023) мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Аҳаммияти амалии тадқиқот дар истифодаи муқаррарот ва тавсияҳои пешниҳодшуда, аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ асос меёбад.
- самтҳои асосии илман асоснокгардидаи таҳқиқ метавонанд барои гузаронидани тадқиқот дар самти рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ шароит фароҳам меорад.

**Арзёбии саҳеҳии натиҷаҳои таҳқиқот ошкор менамояд, ки:**

- назария дар ақидаҳои консептуалии назарияи иқтисодӣ, микро ва макроиқтисодиёт, инчунин такмили роҳу усулҳо ва зарурати механизми рушди соҳа асос ёфтааст;
- ғояи таҳқиқот аз таҳлили дастурҳо, баромадҳо ва паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи иттилоотӣ ва таҳлилии вазорату идораҳои дахлдор, маводи конфронсҳо ва дигар маводи таҳлилӣ ва таҳқиқотӣ сарчашма мегиранд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** дар он ифода мегардад, ки нақшаи иҷрои кори диссертатсионӣ: асоснокқуниҳои назариявӣ, амалӣ ва таҷрибавӣ, коркарди амсилаҳои иқтисодӣ-математикӣ ва оптимизатсионӣ, муайяннамоии самтҳои афзалиятноки рушди минбаъдаи соҳа бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудаанд. Бо таҳқиқоти мазкур муаллиф дар коркарди такмили механизми танзими давлатии бозори хизматрасониҳои

алоқаи мобилӣ, муайянкунии самтҳои афзалиятнок, пешгӯии нишондиҳандаҳои асосии бозор, муайянсозии мушкилоти мавҷуда ва роҳҳои ҳалли онҳо саҳми муайян гузоштааст. Натиҷаҳо ва мӯҳтавои асосии нашршудаи диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд, саҳми шахсии муаллифро муаррифӣ менамоянд.

Дар омода ва нашр кардани диссертатсияи илмӣ 17 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 - тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор гардидааст.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 аз санаи 14.09.2024 қарори сазовор донистани Алимова Муборак Алимҷоновна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаи хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ) қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ 16 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла мутахассисон 5 нафар аз руйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 16 нафар аъзои Шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаи хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ) тарафдор - 16 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, и.в. профессор** **Қодирова З. Ҳ.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **Машокиров Ҷ.Н.**

Санаи барасмиятдароии хулоса 03 июни соли 2025